# ТЕРРОРИСТ ВАТАНУ МИЛЛАТ НАДОРАД!

***Вокуниш ба маводи «Могут ли центральноазиатские повстанцы в Сирии представлять новую региональную угрозу?» (“Cabar”, 17.01.2025) ва бознашри он дар ҳафтаномаи “Азия плюс” “Расползающаяся угроза. Из Сирии на мир и Центральную Азию”, (“Азия плюс”, 23.01.2025)***

*«Тоҷикистони соҳибистиқлол, ки ҳанӯз солҳои навадуми асри гузашта даврони фоҷиабори муқовимат бо экстремизм ва терроризмро аз сар гузаронида, дар ин роҳ даҳҳо ҳазор талафоти ҷонӣ дода буд, ҳамеша дар сафи пеши мубориза бо ин зуҳуроти даҳшатноку нафратовар қарор дорад»*

**Аз Паёми солонаи Президенти ҶТ ба Маҷлиси Олӣ**

Дар ин мавод муаллифон бештар аз хавфи паҳн шудани терроризму сирояти он ба Осиёи Марказӣ ҳарф задаанд. Воқеан ин нуқта то ҷое нигаронкунанда аст, зеро дар миқёси ҷаҳонӣ зуҳури терроризми байналмиллалӣ боиси дарки он гардид, ки яккақутбии геополитикии ҷаҳон, ки баъзе кишварҳо ба он саъй доранд, ҳам барои ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ҳам барои худи давлати ташаббускор хатарнок мебошад. Тамоюли равшани афзоиши рақобати байнидавлатӣ ва фаромиллӣ мушоҳида мешавад: кишварҳои пешқадами

ҷомеаи ҷаҳонӣ ва иттиҳодияҳои онҳо ҳамгироиро вусъат дода, тамоюлҳои марказгурезиро бомуваффақият бартараф мекунанд. Аз ин рӯ, қобилият ва омодагии давлат, сохторҳои қудратӣ ва хадамоти махсус барои вокуниши саривақтӣ на танҳо ба таҳдидҳои хориҷӣ, балки ба чолишҳое, ки аз ҷониби нерӯҳои ифротгаро ва ҷудоихоҳ дар кишвари мо дар назди роҳбарияти давлат қарор доранд, имрӯз аҳамияти хоса пайдо мекунад.

Дар марҳалаи кунунии рақобати геополитикӣ, ки яке аз воситаҳои асосии назорат бар ҳудуд ва афзоиши ҳузури фаъол дар минтақаҳои муайяни сайёра ба шумор меравад, нерӯҳои сиёсии ифротгаро бо ақидаҳои тундгарой ва қобилияти ба куллӣ тағйир додани манзараи сиёсӣ дар як ҳолати муайян, фишанги асосии таъмини манфиатҳои геополитикии қудратҳо маҳсуб мегарданд. Дар баробари ин маҳз фаъолияти чунин гурӯҳҳо ба меъмории муносибатҳои байналхалқӣ дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон таъсир мерасонад.

Гурӯҳҳои ифротӣ ва террористӣ метавонанд бо тарзҳои гуногун фаъолият намоянд: мустақилона, яъне бидуни кӯмаки беруна ё бо дастгирии пардапӯшонаи давлатҳо ва созмонҳои муайян ба онҳо. Дар ин замина гурӯҳҳои ифротӣ ҳамчун нерӯи зарбазан амал карда, саъю кӯшиши худро барои тағйир додани фазои

геополитикӣ ба нафъи субъектҳое, ки аз онҳо вобастаанд, равона мекунанд. Истифодаи ин сохторҳо бахусус дар минтақаҳои муҳимми коммуникатсионӣ, транзитӣ, стратегӣ ва дорои захираҳои бузурги табиӣ бештар ба назар мерасад.

Аз ҷониби дигар, минтақаҳои пешрафта аллакай низоми истихроҷ ва коркарди захираҳои табиӣ ва истифодаи онро роҳандозӣ намуда, бо ин ё он восита ба чаҳорчӯбаи ҳамкорӣ бо қудратҳо ҷалб гаштаанд (ҳатто ҳудудҳои таърихан мутаалиқ ба кишвраҳои пешсаф имрӯз зери суол қарор мегиранд, масалан ҷазираи Гренландия). Нуқтаҳое, ки барои онҳо мубориза идома дорад, ин манотиқи дар ҳоли рушд ва қафомонда мебошанд, ки дорои захираҳои бузурги табиианд. Ҳамзамон дар кишварҳои миллӣ ва тозаистиқлол, ки ташаккули ҳувияти миллӣ ва айнияти қавмӣ дар ҷараён мебошад, барои ворид намудани ақидаҳои ифротӣ ва истифодаи нерӯи ифротгароён аз ҷониби қудратҳои манфиатталаб воситаҳо бештар мебошанд. Аз ҷониби дигар, дар қиёс бо равандҳои ҷаҳонишавӣ рақобати тамаддунҳо сурат гирифта, қудратҳо ҷиҳати тақвияти нуфуз, фарҳанг, мақом ва ҳатто дину мазҳаби худ аз ғояҳои ифротгароӣ ва нерӯҳои ифротӣ истифода менамоянд.

Осиёи Марказӣ бо дарназардошти аҳамияти стратегӣ, нуқтаи мутаассили тамаддунҳои гуногун ва абарқудратҳои мухталифи дунё, захираҳои бузурги табиӣ ва бозори ояндадор барои қудратҳои олам ҳамчун минтақаи муҳим арзёбӣ мегардад. Рақобати геополитикие, ки дар атрофи минтақа идома дорад, аз ҷумла истифодаи ғояҳои тундгароӣ, ифротгароӣ ва терроризмро дар бар мегирад.

Дар ин замина мебояд талошҳои калидии созмонҳои ифротгароро дар самти тағйир додани фазои геополитикӣ таъкид намуд. Аввалан, бояд қайд кард, ки тамоюли возеҳи сохторҳои ифротӣ барҳам задани истиқлолияти кишвар бо мақсади ташаккули минбаъдаи давлатдории худ мебошад. Дар асоси самти муайяншуда дар аксар маврид идеологияи сепаратизми этникӣ ва мазҳабӣ қарор дорад, ки шуури ҷамъиятиро ба зарурати таълиму тарбияи як гурӯҳи муайяни этникӣ ё иттиҳодияи динии давлатдории он равона месозад. Дар ин замина, самти зикршуда асосан дар асоси амалисозии нақшаҳои ҷудокунии миллӣ ва мазҳабӣ бо истифода аз амалҳои харобиовар нисбат ба институтҳои амалкунандаи ҳокимияти сиёсӣ ва инчунин ба он қисмати аҳолӣ нигаронида шудааст, ки майли ҷудошавиро дуруст намешуморад.

Соният, табдили фазои геополитикӣ дар заминаи созмон додани сохторҳои ифротӣ дар қаламрави кишвар манотиқи махсуси ҳарбию сиёсӣ, ки дар навбати худ дар асл берун аз назорати ниҳодҳои сиёсии ҳукумати марказӣ қарор доранд, ошкор мешавад. Зуҳури чунин ҳудудҳои идоранашаванда ба ягонагии сиёсии мамлакат таъсири калон мерасонад. Таҷрибаи талхи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми ҷанги шаҳрвандӣ ин воқеиятро ошкор намуда буд.

Ба қавли Пешвои миллат гурӯҳҳои террористӣ ва тундрав амалҳои худро таҳти унвони шиорҳои диниву мазҳабӣ амалӣ мекунанд, ки дар асл ба дини мубини ислом иртиботе надорад, балки амали ин гурӯҳҳо, пеш аз ҳама, боиси осебу азияти мусулмонон мешавад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қатори кишварҳои дигари минтақа таҳдидҳои афзояндаи экстремизм ва терроризмро ба амнияти миллӣ ва рушди босуботи худ эҳсос менамояд. Таҳдидҳои террористиву экстремистӣ, ки имрӯзҳо шаклу усулҳои тозаро ба худ касб кардаанд, ҷуғрофиёти худро васеъ намуда, тарзҳои содир намудани ҳамлаҳои террористӣ ва дигар амалҳои экстремистиро тағйир додаанд. Ғасби давлати Сурия аз ҷониби гурӯҳи террористону экстремистон, ки дар байни онҳо шаҳрвандони кишварҳои Осиёи Марказӣ

низ ҳастанд, барои минтақа хавфи зиёдро ба миён овардааст.

Дар муқобили ғояҳои ифротгарой пеш аз ҳамаи дарк ва донистани арзишҳои фарҳангӣ, таърихӣ ва миллӣ зарур мебошад. Яке аз қишрҳои асосии мубориз бо ин падидаи манфӣ ҷавонон ба шумор меравindependence. Аз ин рӯ, ҳифзи арзишҳои миллӣ, аз ҷумла истиқлолияти давлатӣ, тамомияти арзӣ, сулҳу субот, моҳияти демократӣ, ҳуқуқбунёдӣ, дунявӣ ва иҷтимоии давлат ва Ваҳдати миллӣ, аз ҷавонони ватандӯст талошу омодагии доимиро талаб мекунад.

Ҳадафи мо бояд аз даст надодани ҳушёрии сиёсӣ, дарки мақсад ва сиёсатҳои ин гурӯҳҳо ва мубориза бо онҳо бошад, то натавонанд ба мақсадҳои шуми худ дар ноором сохтани ҷомеа бирасанд. Айни замон дар ҷаҳон рақобати маънавӣ ва фарҳангӣ босуръат ҷараён дошта, дастоварди шаҳрвандон ҳамчун комёбии кишвар ва бохту ҷинояти шаҳрвандон омили муаррифии манфии мамлакат арзёбӣ мегарданд. Новобаста аз он ки, имрӯз тамоми ҷомеаи солимфикри ҷаҳон бар он муътақид аст, ки террорист, ифротгаро ва тундгаро миллат, мазҳаб ва шаҳрвандӣ надорад, вале бо вуҷуди ин, қудратҳои ҷаҳонӣ бо истифода аз шаҳрвандони гумроҳшудаи баъзе кишварҳо ба нуфуз, фарҳанг ва таърихӣ онҳо зарба зада,

мехоҳанд аз шаҳрвандони ин мамлакатҳо чеҳраҳои номатлуб сохта бошанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарки тамоми хатарҳо, ки аз ифротгароии хушунатомез ва терроризми байналмилалӣ бармеоянд, дар муқобила бо ин таҳдидҳо фаъолона иштирок менамояд. Аз ҷумла, аз соли 2016 аз ҷониби давлат Стратегияи миллии муқовимат ба ифротгароӣ ва терроризм амалӣ карда шуда, доир ба ин масъала конфронсҳои сатҳи баланд дар сатҳи байналмилалӣ гузаронида мешаванд.

Аз ин рӯ, бо вуҷуди он ки хатари паҳн шудани терроризмро бештар аз ҳарвақти дигар эҳсос менамоем, вале зикри миллату зодаи кадом миллату кадом давлат будани ин террористон то ҷое кишвари моро бадном месозад. Ба рӯзноманигорон барои таваҷҷӯҳашон ба ин мавзӯи доғ изҳори сипос намуда хоҳиш мекардам, ки дар идома аз зикри миллату зодаи кадом кишвар будани эшон худдорӣ намоянд, зеро террорист аз оғоз на миллат дошту на маҳалли таваллуд.

**Рустам Шоҳимардон,**
**коршиноси масоили сиёсӣ**